# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6. 2. 1 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” пешниҳод шудааст.

Баъди Соҳибистиқлолии кишвар ба омӯзиши вижагиҳои мероси хаттии ниёгонам таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид, ин имкон фароҳам овард, ки вижагиҳои луғавию калимасозӣ, сарфию наҳвӣ, истилоҳсозӣ, услубии таркиби луғавии мероси ниёгонамон мавриди пажуҳишҳои илмӣ қарор гиранд.

Аз ин рӯ, мубрамият ва муҳиммияти мавзуи диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ” ба мақсад мувофиқ буда, аз манфиат холӣ нест. Ҳамзамон, хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббӣ, баромади забониии истилоҳоти тиббӣ ва нақши калимаҳои хосса дар ташкили ибораистилоҳҳо мубрамияти пажуҳиши мазкурро тақвият додааст.

Муҳтавои диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6. 2. 1 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони соҳа дар як рада қарор гирифта, густариш, гардишпазирӣ ва корбурди истилоҳоти тиббиро собит менамояд.

Аз таҳлилу таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба масъалаи вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ҳанӯз ҳам пажуҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омузиши вижагиҳои сохториву маъноӣ, мавзуӣ, баромади забонии истилоҳоти тиббиро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи ин донишманди нотакрорро дар густариш ва такомули таркиби луғавии забон, истилоҳоти тиббӣ, аз ҷумла, номи бемориҳо, роҳу воситаҳои табобат ва гиёҳдармонӣ муайян менамояд ва ҳамзамон хусусиятҳои асосии истилоҳоти тиббиро муайян месозад. Барои ба ин ҳадаф расидан муҳаққиқ кӯшиш шудааст, ки заминаҳо ва роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳоти сохта, мураккаб, ибораистилоҳро муайян намуда, ин масъаларо алоқаманд бо вижагиҳои сохторӣ ва маъноӣ таҳқиқ карда, нақши Закариёи Розиро дар густариши истилоҳоти илмӣ, аз ҷумла тиббӣ муайян намояд. Ҳамчунин вазифаи дигари таҳқиқ мушаххас намудани хусусиятҳои маъноӣ ва

сохтории истилоҳоти тиббӣ, нақши ҳисаҳои нутқ дар ташкили истилоҳоти мураккаб ва ибораистилоҳҳо маҳсуб меёбад. Дар ин замина унвонҷӯй вижагиҳои сохторию маъноии истилоҳоти тиббӣ ва даврабандии истилоҳоти тиббиро аз лиҳози мавзуъ ва баромади забонӣ дар асари мавриди назар муайян намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба вижагиҳои истилоҳоти тиббӣ, корбурди истилоҳоти тиббӣ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳоти сохта, мураккаб ва ибораистилоҳҳо, нақши ҳиссаҳои нутқро дар сохтани истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ, ки як ҷузъи истилоҳоти илмӣ ба шумор меравад, анҷом дода шудааст. Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки бори аввал роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ, нақши вандҳо дар сохтани истилоҳоти сохта, нақши ҳиссаҳои номӣ ва феълӣ дар сохтани истилоҳоти мураккаб ва ибораистилоҳҳо тавзеҳ ёфта, ҳамчунин хусусиятҳои семантикӣ ва дараҷаи корбурди онҳо дар асари мавриди назар муайян карда шудааст.

Арзиши илмию назариявии таҳқиқоти Маҷидова Б. М. аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур метавонад барои рушди минбаъдаи илми истилоҳшиносии тоҷик, аз ҷумла, барои танзими истилоҳоти тиббии тоҷикӣ, муқаррар кардани меъёрҳои истилоҳгузинӣ, интихоби истилоҳ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ, баромади истилоҳоти илмии тиббии забони тоҷикӣ аз лиҳози забонӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти амалии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки маводди диссертатсия, муқарраротт ва хулосаҳои он метавонад дар таҳияи курсҳои лексикология, истилоҳшиносӣ, калимасозӣ, таҳияи курси истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ, курсҳои махсуси таърихи забони тоҷикӣ истифода шавад. Натиҷаҳои бадастомада ва маводди дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти истилоҳшиносӣ, маъношиносӣ, услубшиносӣ, таҳияи фарҳангҳои тахассусӣ ва тафсирӣ, калимасозӣ мавриди васеи истифода қарор гирад.

Масъалаҳо ва конскепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Ин нукта дар он дида мешавад, ки заминаҳои пайдоиши истилоҳоти илмӣ, вижагиҳои маъноиву сохтории истилоҳоти тиббӣ, нақши калимаҳои хосса дар ташкили истилоҳиборахо ҷолиби диққат ва қобили таҳқиқу омӯзиш муаррифӣ мешавад ва дар ин замина накши ҳиссаҳои номӣ ва феълӣ, нақши вандҳои калимасоз дар ташкили истилоҳоти сохтаву мураккаб, ҷойгоҳи калимаҳои хосса дар ташаккули ибораистилоҳҳо махсусияти назррас касб кардааст. Натиҷаи таҳқиқоти бадастоварда дар асоси маводи "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ аз нигоҳи вусъат ва амиқият, фарогирӣ ва гуногунрангӣ нотакрор ва арзишманду ҷолиб ба назар мерасад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиётҳои истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ,** ки барои дарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6. 2. 1 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони тоҷикии
МТД”ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” Низомӣ С. Ф.

« 24 » феврали соли 2026

Нишонӣ: 734019,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи
Навбаҳор, ҳавлии 622

Email: sanobarnizomova@gmail.ru

Имзои Низомӣ Санавбар Фахриро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати рушди кадрии МДТ
“Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”,н.и.т. Сафаров Б.И.